Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 003
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**Тақриз**

**ба автореферати Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи: «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва бароmадан ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ такмили ҷабҳаҳои асосии идоракунии субъектҳои хоҷагидориро талаб менамояд. Чунки субъектҳои хоҷагидорӣ махсусан ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади рушди иқтисодии корхона ба ташкили дурусти таҳияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ниёз доранд. Такмили низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо яке аз самтҳои мубрами рушди илми ҳисобдории ватанӣ маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки сол ба сол шумораи давлатҳои ба Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ гузаранда зиёд гардида истодааст. Дар шароити кунунӣ вобаста ба зарурат бо мақсади самаранок фаъолият кардани корхонаҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт, муносибатҳои солим байни саҳомон ва муассисон, истифодаи Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) муҳим аст.

Яке аз зарурияти истифодаи СБҲМ, ин мутобиқи талаботи ҳисоботи молиявӣ қабул кардани қарорҳои идоракунии ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани самаранокии он мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло овардашуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард, ки субъектҳои хоҷагидории мамлакат ба низои СБҲМ гузаранд. Ба ин мақсад, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 4 ноябри соли 2002, № 428 «Оиди Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ» ва аз моҳи марти соли 2008, № 465 «Оиди чорабиниҳои иловагӣ доир ба ҷорӣ кардани Стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд.

Дар автореферати диссертатсия коркарди таклифу пешниҳодҳо дар ошкор намудани ҷанбаҳои назариявию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ муайян гардидааст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор гуфта шудаанд. Масалан:

1. Дар автореферат унвонҷӯ масъалаи танзими ҳисоботи молиявӣ дар ташкилотҳои қарзиро бо шаклҳои тавсиявие, ки дар дастурамал оид ба

таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ дода шудааст, ба роҳ мемонд, мазмуни автореферат боз беҳтар мегардид.

2. Дар автореферат унвонҷӯ инчунин таҳлили ҳисоботи молиявиро дар мисоли худи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзӣ нишон медод, сатҳи илмии автореферат хубтар мегардонид.

Боиси қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Исоев Д.Т. дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
декани факултети молия ва иқтисоди
Донишгоҳи давлатии Данғара — Қудратзода П.Қ.

**Имзои Қудратзода П.Қ.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД — Тоирзода С.Т.
21 январи 2025сол

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи
Марказӣ 25, Муассисаи давлатии
таълимии Донишгоҳи давлатии Данғара
Тел: 833122806